Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!

# Родмардон

№9(221)
27 сентябри соли 2024

Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

...пешниҳод менамоям, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милал "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" қабул карда шавад.

Эмомалӣ Раҳмон

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши Оянда

23.09.2024, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико



Мухтарам ҷаноби Раис!
Мухтарам ҷаноби Дабири кулл!
Хонумҳо ва ҷанобон!

Нахуст, мехоҳам ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид барои ташаббуси ташкили Саммити Оянда ва даъват барои иштирок дар ин ҳамоиши муҳим арзи сипос намоям.

Мо саъю талошҳои ҳамоҳангсозони Паймон ба хотири оянда — намояндагони Олмон ва Намибияро баланд арзёбӣ менамоем.

Ин нишаст барои баррасии мушкилоти тағйирёбии иқлим, ҳифзи сиҳатии омма, рафъи камбизоатӣ, вазъи зиндагии занон, таҳсилоти фарогир ва дигар масъалаҳои глобалӣ боз як имконияти муносибро фароҳам овардааст.

Масъалаҳои вобаста ба халъи силоҳ, назорати аслиҳа ва хавфу таҳдидҳои муосир ба сулҳу амният ҳамоно таваҷҷуҳи ҷиддии моро тақозо менамоянд.

Умед аст, ки ҳамоиши имрӯза, ҳамчунин, барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба ислоҳоти сохтори байналмилалии молиявӣ ва такмил додани вокунишҳои байналмилалӣ ба хатару таҳдидҳои муосир нақши муассир хоҳад дошт.

Матраҳ гардидани мушкилоти обу иқлим дар санади ниҳоии ин саммит зарурати идомаи амалҳои таъхирнопазири кишварҳои узв ва дигар тарафҳои манфиатдорро ба хотири таъмин намудани ояндаи осудаву ором барои наслҳои баъдӣ собит месозад.

Тибқи маълумоти охирини Созмони Милали Муттаҳид пешрафт дар соҳаи об ва беҳдошт, бо вуҷуди беҳбудиҳои алоҳида, ҳанӯз кофӣ нест.

Дар ин робита, мо ният дорем, ки дар ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо саъю талошҳоямонро ҷиҳати татбиқи минбаъдаи ташаббусҳои созандаи хеш дар масоили марбут ба захираҳои об ва тағйирёбии иқлим, тақвият бахшем.

Раванди татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» яке аз намунаҳои равшани талошҳои пайвастаи мо дар ин ҷода мебошад.

Ҳозирини гиромӣ,

Қабул гардидани Паймон ба хотири оянда аз натиҷаҳои ин саммит ба шароите рост меояд, ки дар минтақаҳои гуногуни сайёра миллионҳо нафар мардуми осоишта ба хавфу таҳдидҳои гуногуни амниятӣ дучор шудаанд.

Фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба таҳаввулоти босуръати вазъ дар арсаи байналмилалӣ бори дигар гувоҳӣ медиҳад, ки аксари кишварҳои дунё ба таҳкими муносибатҳои бисёрҷониба ниёз доранд.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад.

Таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳо ҷиҳати расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор аз иқдомҳои муштарак дар роҳи таъмини сулҳу суботи пойдор вобастагии бевосита дорад.

Аз ин лиҳоз, мо дар сатҳи ҷаҳонӣ андешидани тадбирҳои муштаракро ба мақсади пурзӯр кардани ҳамкориву ҳамёрӣ барои таъмини амнияти фарогир муҳим мешуморем.

Тоҷикистон ба сифати кишвари мизбони "Раванди Душанбе оид ба мубориза бар зидди терроризм" аз дарҷ гардидани ин мавзӯъ дар паймон дар баробари дигар мавзӯъҳои калидӣ истиқбол менамояд.

Мо бояд ҳамкории байналмилалӣ, табодули иттилоот ва таҳкими иқтидорро барои пешгирӣ аз зуҳуроти терроризму ифротгароӣ ва дигар таҳдидҳои глобалӣ густариш диҳем.

Мо аз нақши калидӣ ва ҳамоҳангсози Созмони Милали Муттаҳид дар ин ҷода ҷонибдорӣ менамоем.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Имрӯз, мо шоҳиди афзоиши низоъҳо дар манотиқи гуногуни ҷаҳон ҳастем, ки садҳо ҳазор талафоти ҷониро миёни аҳолии осоишта дар пай доранд.

Мо – роҳбарони давлатҳоро зарур аст, ки атрофи ҳадафҳои умумӣ ба мақсади таъмини сулҳи пойдор дар тамоми курраи Замин ва хотима бахшидан ба ранҷу азоби одамони бар асари ҷангҳо ва пайомадҳои даҳшатбори онҳо муттаҳид шавем.

Вақти он расидааст, ки мо аз иқдомҳои муассир барои тақвияти нақши асосии Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли низоъҳо ва барқарорсозии сулҳу субот дар сайёра кор бигирем.

Дар робита ба ин, пешниҳод менамоям, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милал "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" қабул карда шавад.

Ҳамзамон бо ин, зарур мешуморем, ки Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, инчунин, муассисаҳои байналмилалию минтақавии молиявӣ дар ҳамоҳангсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мақсади расидан ба рушди устувор иқдомҳои фаъолтарро роҳандозӣ намоянд.

Итминон дорам, ки саммити имрӯза барои баррасии амиқ ва ҳалли мушкилоти ҷаҳони муосир заминаи муносиб хоҳад гузошт.

Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.

## Як зина боло рафтанд

Дар Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори бомуваффақият хатм намудани курсҳои кутоҳмуддати мутахассисони хурди техникӣ ва командирони хурд ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид, ки дар он наздики 200 нафар хизматчиёни ҳарбӣ бо рутбаҳои навбатӣ ва ихтисоси ҳарбӣ шарафёб гардиданд. Дар ҷамъомади тантанавӣ муовини аввали сардори Сарситоди Гвардияи миллӣ полковники гвардия Одиназода Аъзам ва командири қисми ҳарбӣ подполковники гвардия Раҳимзода Олимхон иштирок карда, сержантону сарбозонро барои бомуваффақият хатм намудани курсҳои мазкур табрику таҳният гуфтанд. Таъкид шуд, ки дар Артиш, аз ҷумла дар ҷузъу томҳои гвардия кадрҳои лаёқатманд, мутахассисони варзида ҳамеша заруранд. Шумо ин муддат машқу машғулиятҳои муҳимеро аз худ намудед, ки маҳз барои пешбарии хизмат ва дар сатҳи баланд нигоҳ доштани омодабошии ҷангӣ хеле зарур мебошанд. Ҳамчунин мавсуф қайд кард, ки курсҳои мазкур барои дар оянда ҳамчун афсарони касбӣ дар фаъолият, вазифа ва рутбаҳои навбатӣ боло рафтани сержантону сарбозон мусоидат мекунад. Оянда ҳар нафар метавонад, бо саъю кӯшиш ҳамчун хизматчии муваффақ дар ин ҷода ба комёбиҳои зиёд ноил гардад. Зеро ҳукумати мамлакат ва Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон барои такмил ёфтану пешравии Артиши миллӣ тадбирҳои зиёдро амалӣ мекунанд. Ҷавонон - сарбозон бояд аз он самаранок истифода баранд.

Баъд аз анҷоми ҷамъомади тантанавӣ бо чанде аз хизматчиёни ҳарбӣ-хатмкардагони курсҳои мазкур ҳамсуҳбат шудем. Сержантон Набиев Рамзулло ва Холов Фатҳиддин нақша доранд, ки дар ин самт қобилияту маҳорати худро нишон диҳанд. Онҳо иброз доштанд, ки аз мураббиёни марказ, ки ҳама собиқадори хизмати ҳарбӣ ҳастанд, донишу малака омӯхта, як зина боло рафтанд ва онро дар давоми хизмат, дар таълиму тарбияи наваскарон истифода мебаранд.

Қобили зикр аст, ки мудати се моҳ дар Маркази тайёрии кадрҳои Гвардияи миллӣ курси мутахассисони хурди техникӣ, командирони хурд (сержантон), прапоршикону афсарони ҷавон таълим гирифтанд.

Баъд аз чанд рӯзи дигар курси прапоршикон, ки аз ҳисоби сарбозону сержантони як солу нуҳ моҳ хизмат кардаанд, ташкил шудааст, ба рухсатӣ мебароянд. Танҳо баъд аз рӯхсатӣ ва баргузор гардидани ҷамъомади тантанавӣ барои супоридани рутбаҳои навбатӣ ҳар кадом мувофиқи қобилияту дониш ба идомаи хизмат дар ҷузъу томҳои Гвардияи миллӣ сафарбар карда мешаванд.

Аз 1-уми октябри соли равон бошад, маркази мазкур барои қабул ва тайёр намудани наваскарон ба қабули Савганди ҳарбӣ шурӯъ мекунад. Мувофиқи нақшаи марказ барои муташаккилона анҷом додани мавсими даъвати навбатӣ чорабиниҳои зиёд амалӣ карда шудааст.

полковники гвардия
Хайриносо КОМИЛЗОДА



# Эмомалӣ ном ниҳодан ба фарзандон нишонаи муҳаббати беандозаи мардум ба Пешвои миллат аст

## Эҳдо ба зодрӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон




Президенти кишвари мо Эмомалӣ Раҳмон ба тарғибу тавсиф эҳтиёҷ надоранд. Зеро дар таърихи давлатдорӣ ва шоҳсолорӣ кам касоне ба мисли Пешвои тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон мардумро ба оянда нек раҳнамоӣ кардаанд. Ин абармарди миллат, забардасти миллат, тоҷдори миллат ва Пешвои миллат тавонистанд бо неруи созанда, ақли солим, далерию ҷасурӣ, матонату кордониашон миллатро аз вартаи ҳалокат наҷот диҳанд. Имрӯз Тоҷикистон ба симмати давлати шинохтаи ҷаҳон ва Сардори он ба ҳайси ташаббускори байналмилалӣ дар арсаи ҷаҳон эътироф гардидаанд.

Бидуни ҳеҷ тамаллуқ, бидуни ҳеҷ манфиат, ба хотири баёни ҳақиқат ва иҷрои рисолати инсонӣ ин лаҳзаҳо таърихи пурфоҷиаи миллати хешро бо садои паракандаи фарзандони барӯманди халқи тоҷик, ки дар замони бедавлатии хеш ба бедавлатон давлатдорӣ омӯхта, ба бефарҳангон фарҳангу адаб дода, бо мушти хоку забони шевои ашъори гуҳарбори тоҷикӣ дар паҳноҳои мухталифи олам берун аз Ватан бо орзую омоли ватандорӣ дар ғарибӣ чашм ба хоби абад рафтаанд, пеши назар меорем.

Президент Эмомалӣ Раҳмон

Ин номро бештари президентҳои имрӯзаву собиқи ҷаҳон ва бисёр сиёсатмадорони сатҳи байналмилалӣ бо ифтихор ва эҳтироми хосса ба забон меоваранд, зеро Эмомалӣ Раҳмон ба ин муҳаббат сазоворанд.

Пешвои мо — Эмомалӣ Раҳмон дар асл мардумиянд ва аз байни халқ рӯидаанд. Худи Президент низ ин нуктаро ҳамеша дар суханрониҳояшон таъкид мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳастиву вуҷуд ва қалби миллати тоҷиканд. Мо бояд он касро мисли гавҳараки чашм азизу гиромӣ дорем. Худованд барои мо чунин шахсиятеро ато кардааст, ки мардумони бештари кишварҳои дунё доштани чунин сиёсатмадори раҳкушо ба сӯи фардои дурахшонро орзу мекунанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҳақиқат шахсияти бузургу нотакроранд. Он кас нозуктарин санъати сухангӯӣ — ба вақти гуфтан гуфтану ба вақти хомӯшӣ хомӯш буданро хуб омӯхтаанд. Ин гуна санъат на ба ҳама сарварон муяссар мегардад.

Шайх Саъдии бузург мегӯяд: «Ҳаргиз дуруст нест ва ба ақли соҳибназарон рост намеояд, ки шамшери Алӣ дар ғилоф бошаду забони Саъдӣ дар даҳони ӯ хомӯш бимонад. Яъне рӯзи ҷанг бо душман дар ғилоф будани Зулфиқори Алӣ ва дар ком хомӯш мондани забони Саъдӣ, ки ҳарду ба тавоноӣ ва бурандагӣ машҳуранд, аз рӯи ақлу хирад нест ва қобили қабул намебошад».

Ин ба он маънист, ки Президенти мо низ саъдивор аз номи миллат сухан мегӯянд. Аз номи миллати ориёию озодандеш мегӯянд. Аз минбари Созмони Милали Муттаҳид мегӯянд. Зеро он кас давомдиҳандаи давлати Ҳахоманишиён ва шоҳони Сомониянд. Дар ҷисмашон рӯҳи Куруши Кабир ва Сомониён нуҳуфта аст.

Аз ҳама муҳимаш, Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд маҳбубияти халқу миллатро ба даст оваранд. Имрӯз миллат Пешвои худро дӯст медорад ва бо ӯ ифтихор дорад. Чунин бахти баланд на ба ҳама сарварони дунё насиб гардидааст. Имрӯз аксари мардум ба хотир ва эҳтироми Пешвои миллат фарзандонашонро Эмомалӣ ном ниҳода истодаанд. Зеро исми Эмомалӣ рамзи наҷотбахши миллат аст. Мо ин нуктаро бояд такрор ба такрор бигӯем. Аз ин натарсем ва қадр намоем.

Марк Аврелийи бузург мефармояд: «Ҳеҷ неруе қавитар аз неруи муҳаббат ба ватан вуҷуд надорад». Имрӯз ин қувваро Президент Эмомалӣ Раҳмон бо халқу миллати худ доранд. Президент Эмомалӣ Раҳмонро мардум бо амалҳои накуяшон барои халқу Ватан ва рафтори шоистаи ҷавонмардияшон тавонистанд дар дилу дидаи худ ҷо кунанд.

Президент Эмомалӣ Раҳмон доимо аз ғаму дарди миллат огаҳанд ва ба мушкилоти миллат ҳеҷ гоҳ бепарво нестанд. Сарвари мо ба мардум ҳамдилӣ ва ёрмандӣ мекунанд ва шоистаи номи баланди Пешвои миллатанд. Таърихи давлатдории шоҳони қадим ва муосир исбот кардааст, ки дар зиндагӣ кам сарвароне ҳастанд, ки дар вақти тавоноию қудратмандиашон тамоми ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро муваффақона амалӣ карда, мардумро роҳнамоӣ намоянд. Имрӯз Пешвои мо рамзи озодӣ, истиқлол ва адолатанд.

Суханрониҳои пай дар пайи Пешвои тоҷикон аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба ҳалли глобалии проблемаҳои дунё дараҷаи баланди инсондӯстӣ ва сатҳи олии ҷаҳонбинии Эмомалӣ Раҳмонро нишон медиҳад. Ҷойи ифтихор аст, ки суханрониҳои пурмуҳтавои Президенти маҳбуби мо бо забонҳои гуногуни дунё тарҷума шуда, шуҳрату обрӯи Тоҷикистонро дучанд мегардонанд.

Эмомалӣ Раҳмон инсони озоду сарбаланду соҳибихтиёранд. Он кас гармию сардии рӯзгорро чашида, бо меҳнати ҳалол ва бо сари баланд зиндагии хешро пеш мебаранд ва ҳаётро мисли мову шумо дӯст медоранд.

Пешвои муаззами мо борҳо хонаи Худоро зиёрат кардаанд ва аз нуру сафо саршор мебошанд. Беҳуда нест, ки Президенти мо Эмомалӣ Раҳмон дар қатори 500 мусулмони шуҳратманди дунё ҷой гирифта, аз минбарҳои баланди конфронсҳои исломӣ арзишҳои дини мубини исломро ҳимоят мекунанд.

Дар лавҳи турбати Баҳроми Гӯр навишта шуда, ки дасти саховатманд беҳ аз бозуи зӯрманд. Пешвои мо низ соҳибкараманд. Президент Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахси саховатманду саховатпеша кайҳо миёни мардум ном баровардаанд. Дар дили мардум роҳ ёфтаанд, вирди забони ҳамагон гаштаанд. Саховат файзу баракати хосса дорад, сабаби фаровонӣ мегардад ва ба сарват сарват зам менамояд. Ятимпарваранд Президенти мо. Мо бояд оини саховатмандӣ ва расму шеваи ҷавонмардиро аз Пешвои миллат омӯзем. Чаро, ки борҳо номи пуршарафи ҷавонмардиро бар ивази хатар ба ҷонашон ба даст овардаанд. Ин аст ойини ҷавонмардӣ.

Бузургии дигари Пешвои миллат он аст, ки ҳамеша ситоиши илму дониш ва хоксорию беозорӣ менамоянд ва ҳеҷ гоҳ ғуруру худписандиро хуш надоранд. Пешвои миллат шоирону зиёиёнро самимона дӯст медоранд. Олимону ҳунармандонро навозишу эҳтиром менамоянд. Он кас аз аввалинҳо шуда, фарҳангро ҳастии миллат номиданд ва ба он арҷгузорӣ кардаанд.

Роҳбари мо равшанзамиру хирадманд буда, аз сиёсати давлатдорияшон зиндагии имрӯзаи аҳолии кишварамон хеле хуб гардидааст. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори даҳ давлати рӯ ба тараққӣ эътироф шудааст.

Ҳамасола Пешвои миллат сафарҳои зиёде ба кишварҳои гуногуни дунё мекунанд. Бо президентҳои ҷаҳон, сиёсатмадорони маъруф мулоқоту суҳбатҳо мегузаронанд ва манофеи миллии моро дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳимоят менамоянд.

Дар интихоби кадрҳо низ Пешвои мо гавҳаршиносанд ва ҳамеша таъкид менамоянд, ки мард бо соҳиб шудан ба мансаб бузургу шарафманд намешавад, балки мансаб ба туфайли мардони шарофатманд бузургу баландмақом мегардад.

Ҳаёт ва фаъолияти Пешвои миллат мароми зиндагонии одамони бошараф ва баору номус аст. Агар аҳамият дода бошед, Президент қобилияту истеъдоди ниҳоят баланди суханварӣ доранд ва ҷаҳониён инро қоил мебошанд. Донишмандони муосири дунё ба рӯҳияи озодихоҳӣ, илмдӯстӣ ва инсонпарварии Президенти мо баҳои баланд медиҳанд.

Пешвои мо ҳамеша тарафдори адолат ва ободии мулканд. Ботини Эмомалӣ Раҳмон софу ниятašон пок мебошад ва хидмати халқашонро пеша кардаанд.

Қаҳрамони миллии Афғонистон шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд низ Президенти мо — Эмомалӣ Раҳмонро самимӣ дӯст медошт. Соли 1995 буд. Дар қарияи Ҷангалаки Панҷшери Афғонистон, аниқтараш дар хонаи шодравон сухан дар бораи сулҳу ваҳдати Тоҷикистон мерафт. Ҳамон солҳои душвор Аҳмадшоҳи Масъуд гуфта буд: «Шумо, тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон доред. Тасаввур кунед, мо зиёда аз сӣ сол боз барои сулҳ дар Афғонистон мубориза мебарем. Ин абармарди миллат барои шумо

дар як сол сулҳи бебозгашт овард. Акнун тасаввур кунед, ки шумо чӣ гуна Пешвое доред. Ин гуна Пешворо ҳама хайрхоҳони ҷаҳон орзу мекунанд».

«Эмомалӣ Раҳмон дили бузурги инсонӣ доранд. Дар ин дил ҳама меғунҷад. Ӯ охирон тоҷикро ба ватан баргардонид. Магар ин тавоноию қудратмандии инсон нест? Эмомалӣ Раҳмонро на танҳо шумо, тоҷикон, балки тамоми тоҷикони дунё дӯст медоранд. Худо шоҳид аст, ин мард бо ин ақлу заковате, ки дорад, дунёро мусассир мегардонад», — гуфта буд ҳамон солҳо Аҳмадшоҳи Масъуд.

Тавре ки Масъуди одамшинос изҳор дошта буд: «Бузургии Эмомалӣ Раҳмон беандоза аст». Имрӯз мо чӣ қадаре, ки дар бораи ин абармарди миллат ва шахсияти дар ҷаҳон эътирофшуда нависем, кам аст. Вале дар камии мо самимияту ихлосу меҳрубониҳои зиёде ба Пешвоямон нуҳуфта аст.

Бешак, тасвири симои шахсе, ки халқи беш аз ҳазор сол аз саҳнаи таърих дурафтодаро аз сари нав ҳамчун миллати соҳибдавлат ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид кард, халқи гирифтори гирдоби нобудиро наҷот дод, ҷон дар кафи даст душманонро ба оғӯш кашид, ҷиноятконронро авф кард, гурезаҳоро ба Ватан баргардонид, ба миллати мотамзада ваҳдат, субот, амният овард, ҳама дорой, қудрат ва сиёсатро дар хизмати инсон вогузор намуд, пояи давлатдориро аз сифр, ҳуқуқро бо ғояҳои анъанавию миллӣ тархрезӣ кард, низоми молияро аз хазинаи холии бағоратрафта, неъмати озодиву соҳибдавлатиро барои ташнагони беш аз ҳазорсола эҳдо сохт, садои модари тоҷикро ҳамчун модари миллати соҳибдавлат то ба созмонҳои байналмилалӣ расонд, мардуми парешонро атрофи дастархони сиёсии миллат муттаҳид кард, дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлатеро бо номи Тоҷикистон сабт намуд, дуруст гуфтаанд, ки кори як минбар, як маърӯза ва ҳатто як китоб ҳам нест. Ҳақиқат ин аст, ки нобиғаҳо дар як замон зиндагӣ мекунанд, вале рӯҳ ва ғояҳояшон таърихи ояндаро комил месозад.

Сарвари давлат ҳанӯз баъд аз 23 рӯзи савгандӣ таърихиашон, моҳи декабри соли 1992, дар Мурочиатнома ба халқи шарифи Тоҷикистон гуфта буданд: «Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони мӯҳтарам! Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор мурочиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисону фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҷар хона ва ҳар оила баркарор шудани сулҳ равона карда, барои шукуфоии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

Он кас аз рӯзи ин қасами худ то 27 июни соли 1997, яъне то расидан ба ваҳдати миллӣ ва суханронии таърихӣ бахшида ба имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ 21 маротиба гуфтушунидҳо ташкил карда, 7 маротиба дар мукоаламаҳо шахсан ширкат варзида, ҳамчун Роҳбари давлат ва Пешвои миллат 80 маротиба ба халқи Тоҷикистон мурочиатнома, хитоба, суханрониҳои расмӣ, мусоҳибаҳо ва табрикот карда, ҳамеша аз дӯстӣ ва ваҳдат суҳбат намуда, мунокишаю ҷангро маҳкум сохта, кӯшиши муттаҳид кардани миллатро пайваста думболагирӣ намудаанд.

Роҳбари давлат на танҳо ба қасамашон содиқ буданд, балки ҷиҳати ичрои он фидокорона кӯшиш карда, ин вазифаи муқаддаси худро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накарданд. Дар замоне, ки як ҳиссаи шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар буданд ва дили модари тоҷик барои фарзандон гум мезад, он кас худро нороҳат ҳис мекарданд.

Ҳамчун роҳбари давлат то расидан ба ваҳдати миллӣ оромиро эҳсос намекарданд, барои зиндагии нотинчи кишвар, сӯхтану бетартибиҳои ярокбадастон азият мекашиданду қалбашон ба аҳволи мардуми фирорӣ месӯхт. Дар чунин ҳолати тоқатфарсо пайваста ба мардуми фирорӣ мегуфтанд: "Ҳамдиёрони азиз, ба Ватан баргардед! Ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам, аммо як пораноне, ки дорем, бо ҳам меҳӯрем». Бо чӣ гуна дард ва бо чӣ самимияте гуфта мешуданд ин суханҳо.

Ҳамин самимият ва муҳаббат буд, ки як миллион гуреза ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойи зисти аввалаашон баргардонда шуданд, 36 ҳазор хонаи пурра ва ё қисман харобгашта дар муддати кӯтоҳ пурра барқарор шуданд.

Бузургон дуруст гуфтаанд: ҳама корҳо ба ният алоқаманд аст. Нияташону маромашон нек буд, ки ҳама корҳо ба некӣ анҷомиданд. Он кас қадам ба қадам, ҳар лаҳза ва ҳар замон ба умеди ваҳдат, ба нияти субот фикр мекарданд, ҳарф мезаданд, амал мекарданд ва аз худию бегона, аз рӯҳи гузаштагону Офаридгори замину осмон талаби тинчию оромии кишварро менамуданд. Ин ҳамаро мо на танҳо медидему мешунидем, балки бо қалбу рӯҳ дарк мекардем ва аз ин мактаб дарс ва ҳадиси ватандорӣ меомӯхтем.

Сарвари давлат ба суханашон содиқ, ба ваъдаашон устувор буданд ва ба амалашон муҳаббат доштанд, ки тавонистанд бузургтарин неъмат — умед ба зиндагии осоиштаро дар дили мардум ҳифз карда, халқро аз парокандагӣ, миллатро аз нестшавӣ ва давлатро аз завол наҷот диҳанд.

Мактаби сиёсии мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дарси ибрати ваҳдати миллии он кас, давлатсозию ҳадиси ватанпарастии ин шахси таърихӣ барои халқи азиятдидаи мо сарчашмаи худогоҳӣ, хазинаи худшиносӣ ва ганҷинаи эҳсоси баланди миллатдӯстист, ки ба қадри он расидан, номи асосгузори онҳоро гиромӣ доштан ва роҳи интихобкардаашонро ҳифз карда, идома додан қарзи инсонии ҳар соҳибватан буда, эҳтиром ба роҳи таърихии муборизаи халқи тоҷик барои истиқлолият, қадршиносӣ аз давлати миллӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон аст.

Миллате, ки таърих ва бузургони гузаштаи худро қадр мекунад, саодатманд аст, вале бузургтару саодатмандтар, ба қавли хирадмандон, миллатест, ки ба қадри бузургон ва қаҳрамонони зиндаи худ мерасад.

Илми таърихи сиёсӣ — иҷтимоӣ ва таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамояд, ки давлатҳои гузаштаю имрӯза хизматҳои содиқона, созанда ва тақдирсози чунин фарзандони қаҳрамони худро ба мадди назар гирифта, ҳанӯз дар айёми дар қайди ҳаёт буданашон бо мақсади нигоҳ доштани меросияти таърихӣ ва рушди бонизоми ҷомеа ба давлат симо ва шахсияти онҳоро ҳамчун қаҳрамон, пешво ва падари миллат ва давлатҳо эътироф кардаанд.

Соҳаҳои мухталифи илм низ аз ҷанбаҳои гуногун хизматҳои воқеии онҳоро қадршиносӣ карда, таъсири нек ва қавии чунин симоҳоро дар масири таърих барои рушд, ваҳдат ва пешрафти миллату ҷомеаҳо ёдрас шуда, шинохт ва эътирофи онҳоро ба ҳайси «Пешвои миллат», «Падар — бунёдгузори давлат» ва монанди инҳо ба фазои илмҳои сиёсатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ ворид кардаанд.

Ин нуктаро мо бояд ҳеҷ гоҳ аз хотир набарорем.

Саидмурод ФАТТОҲЗОДА,
Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот, доктори илмҳои фалсафа, дотсент

Муҳамадато СУЛТОНОВ,
Мудири шуъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
АМИТ «Ховар»

## 5 октябр-Рӯзи забони давлатӣ

*Аз миллату аз забони худ ёд кунед,*
*Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.*
*То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли шумо,*
*Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед.*

# Забонҳои мурда меафзоянд

Забон воситаи устувори муошират байни одамон буда, барои дарки якдигар кумак мерасонад. Тасрифҳову гуфтаҳо дар бораи забон хеле зиёд аст. Забон ифодаи андешаҳо бо воситаи овозҳои нутқ, ки дар якҷояги ву мутаҳидии калимаҳо пайдо шуда, ҷумла месозанд. Ҷумла бошад, алакай андешаву гуфтори як шахсро ташкил мекунад.

Одамон забонеро, ки аз хурдӣ омӯхтаанд, бо он сухан мегӯянд. Забони тоҷикӣ нобу асил ва хеле бой аст. Инро дар шеваву лаҳҷаи гуфтори мардумони манотиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан осон аст. Кӯдакони онҳо низ бо ҳамон лаҳҷае, ки падару модарашон сухан мегӯянд, ҳарф мезананд. Замоне, ки ба мактаб мераванд, ба омӯхтани шакли адабии забони модарӣ ё худ забони тоҷикӣ шурӯъ мекунанд. Китобу маҷалла ва рӯзномаҳоро низ бо забони асили тоҷикӣ мехонанд. Забонҳои дигарро бошад, шахс дар шароитҳои гуногун, меомӯзад. Баъзе кӯдаконе ҳастанд, ки аз хурдӣ дар муҳити бисёрзабонӣ ба воя мерасанд ва забонҳои дигарро низ дар баробари забони модарӣ, аз бар мекунанд. Ин аз як тараф муваффақияти кӯдак бошад, аз ҷониби дигар ин ҳолат як хатари ҷиддӣ низ дорад. Ин раванд метавонад, ба омехташавии забонҳо сабаб гашта, ҳатто ба нестии забон ҳам оварда расонад. Аз ин рӯ, волидайн вазифадоранд, ки забони модариро ба фарзанди худ хуб омӯзонанд ва онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия намоянд, то ки дар оянда бегонапараст нашаванд.

Забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дошта, аср ба аср гузашта, то ба мо омада расидааст. Бузургии забони мо дар он аст, ки дар давоми қариб ҳазор сол ниёгони мо давлат надоштанд, аммо гуфтору суханҳои ҳикматангезу инсонпарваронаи онҳо аз насл ба наслҳо гузашта, то ба имрӯз боқӣ мондааст. Дар робита ба ин Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мегӯянд: "Пас аз давлати Сомониён забони миллии мо танҳо дар даврони истиқлолият дар мақоми забони давлатӣ қарор дода шуд. Аз ин рӯ, давлати Тоҷикистон ҳифзи арзишҳои миллии забонро аз вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии худ барои насли имрӯзу фардои ҷомеа медонад ва ин арзишҳои муқаддасро гиромӣ медорад."

Дар бораи пайдоиши забони тоҷикӣ андешаҳо хеле зиёданд. Сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ ба баҳсу андешаҳои пучу холии бегонапарастон, ҷавоб гуфта, калимаи тоҷикро чунин шарҳ додааст: "Тоҷик" аз се қисмат, яъне "тоҷ"- зинати сари шоҳон, ҳарфи "и" дар инҷо "тоҷи" монанди Самарқандӣ, Бухорой, ё худ он зебу зиннате, ки ба тоҷ тааллуқ дорад, мисли марвориди тоҷӣ, ёқути тоҷӣ, лаъли тоҷӣ хондааст. Қисмати сеюмро ки "к" аст, монанди дона-донак, даста-дастак унвон кардааст. Вақте ки хостанд калимаи «тоҷ»-ро ба халқи форсзабони баландмаданият исми хос кунанд, дар охираш «к»-и исмиро ҳамроҳ карда, «тоҷик» гуфтанд. Ин гуфтаҳои устод Садриддин Айнӣ бо факту далелҳое оварда шудааст, ки рад карданашон имконнопазир аст.

Чуноне ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, равшанфикрони тоҷик барои ба забони тоҷикӣ мақоми расмии давлатӣ додан талошу заҳматҳои зиёд карда, бо ин мақсад бисёр мақолаҳои илмиву публитсистиро рӯи чоп овардаанд. Аз ин лиҳоз, соли 1988 Қарор «Дар бораи чорабиниҳо дар мавриди такмили омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҷумҳурӣ» қабул карда шудааст. Таъсири боло рафтани худшиносии миллии равшанфикрони тоҷик буд, ки 22 июли соли 1989 дар Иҷлосияи даҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон Қонуни забон қабул карда шуд. Аз соли 1989 то соли 2009 Рӯзи забон 22 июл таҷлил мегашт. Бо мурури замон мебоист тағйиру иловаҳо ва ба шакли нав таҳия намудани қонуни забон сурат гирад. Аз ин рӯ, солҳои 2007 ва 2008 матни нави қонуни забон таҳия гардида, 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» қабул гардид.

Чизи аз ҳама муҳим ин аст, ки бояд мо тоҷикон ифтихор аз он кунем, ки новобаста ба вақту замон ва гардишҳои сиёсӣ, ҷангу ҷидолҳои бераҳмона дар тӯли таърих забони тоҷикии мо аз байн нарафтааст. Дар дунё забонҳое ҳаст, ки онҳоро забонҳои мурда меноманд. Зеро айни замон бо он забон касе сухан намегӯяд. Олимону мутафаккирон ва забоншиносони барҷастаи дунё бар он назаранд, ки аз 50% то 90% забонҳое, ки дар ибтидои асри 21 бо он гуфтугӯ мекарданд, эҳтимол то соли 2100 аз байн хоҳанд рафт. Сабаби аз байн рафтани забонҳоро бегонапарастӣ ва омехташавии забонҳо медонанд.

Омилҳои пойдории забон пеш аз ҳама омӯзондани забони модарӣ ба ҷавонону навраcон, ҷалб намудани онҳо ба китобу китобхонӣ, омӯзондани таърихи миллат, баланд бардоштани маърифати илмии аҳолӣ ва мусоидат намудан баҳри устувории забон мебошанд. Он тадбирҳое, ки имрӯз дар сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон тархрезӣ шудааст

Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА

# Терроризм ва экстремизм– зуҳуроти манфии замони муосир

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми тоҷик дар марҳилае қарор доранд, ки дар ҷаҳони имрӯза раванди ҷаҳонишавии давлатҳои мутараққӣ бомаром идома дошта, ин раванд дар ҳаракат ва хусусиятҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ баръало эҳсос гардида истодааст.

Дар ин марҳила як фарди тоҷик, алалхусус мо – ҷавонон, фаъолон, пешқадамони ҷомеаро лозим аст, ки шукргузор аз неъмати бебаҳои худодод, Истиқлолияти давлатӣ, тинҷию оромӣ ва сулҳу суботи бо меҳнату заҳмати зиёд бадастомада, ҷонибдор, идомадиҳанда ва инъикосгари сиёсати имрӯзаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Пешвои миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бошем. Чунки давлатҳои абарқудрати дунё маҳз тавассути ворид намудани арзишҳои фарҳанги бегона ва динии хусусиятҳои ифротидошта мехоҳанд мақсад ва мароми сиёсии худро дар ин ё он давлатҳои рӯ ба тараққӣ амалӣ намоянд. Барои мубориза бурдан ва истодагарӣ намудан бо ин равандҳои хатарноки ҷомеа ба ҳамагон лозим меояд, ки дар ин марҳилаи тақдирсоз дар шуур ва ниҳоди ҳар як сокини кишвар ҳисси ватандӯстиву ватанхоҳӣ, эҳтиром ба арзишҳои милливу суннатӣ, хусусан эҳтиром ба забони давлатӣ, ба расму ойин ва фарҳанги миллиро ҷой намоем.

Яке аз масъалаҳои муҳиму ҳалталаби ҷомеаи имрӯзаи мо маърифати оиладорӣ, омода намудани насли ояндасози кишвар ба ҳаётимустақилона, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд аст, ки беҳбудии ҷиддиро талаб менамояд.

Тавре, ки ба ҳамагон маълум аст вазъи феълии ҷаҳони муосир ба равандҳои сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва экологӣ дар шароити ноустувор қарор дорад.

Дар баробари дигар мамлакатҳои тараққикарда хатари терроризм, экстремизм, ифротгароӣ, бухронҳои пайвастаи сиёсию иқтисодӣ, зиддиятҳои мазҳабию динӣ Тоҷикистон ва мардуми тоҷикро водор мекунад, ки дар самти пешгирии оқибатҳои хатарнок ва фалокатбори он чораҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Аз руйи маълумот ва хулосаҳо, сабаби бозичаи дасти дасисабозон ва хоҷагони беруна гардидани мардуми кишварҳои даргир, инчунин, ба амал омадани падидаҳои ноилатлуби ифротгароӣ, терроризм экстремистӣ дар онҳо набудани дониши кофии диниву дунявӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад. Ин аст, ки рӯз аз рӯз ҷангҳои шаҳрвандӣ, қабилавӣ ва мазҳабӣ дар ин кишварҳо ба тозагӣ шиддат мегирад. Омили дигари асосии зиёд гаштани теъдоди пайравони ташкилоти динӣ-экстремистӣ, ки сабаби аслии шомил гардидан ба ташкилоти террористӣ мебошад, мавҷуд набудан ва ё мақсаднок фаъолият надоштани дастгоҳҳои идеологӣ, дониши пасти сиёсӣ ва ҳувияти ғайримиллӣ доштани пешвоёни динӣ мебошад.

Борҳо роҳбари давлат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ ва мулоқотҳояшон бо зиёиёни кишвар зикр карданд, ки душманони миллати тоҷик мехоҳанд унсури бегонапарастиро ба мардум таҳмил намоянд. Аввал либосҳояшонро ворид мекунанд, баъд тарзи ҳаёт, мафкура ва идеологияи ифротгароии хешро дар байни мардум паҳн месозанд.

Яке аз омилҳои асосӣ ва муассири мубориза бар зидди ҳама гуна шаклҳои терроризм, ифротгароии динӣ, таасуби мазҳабӣ ин тарбияи ҳувиятти миллӣ, эҳтиром ба забони модарӣ, фарҳангу арзишҳои миллӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, аз худ намудани донишҳои мукаммали фанҳои дақиқ, гуманитарӣ, технологӣ ва ба даст овардани ҳушёрию зиракии сиёсии ҷавонон мебошад. Дар баробари ин қобили ёдоварист, ки маҳз ҷавонони имрӯз қишри аз ҳама осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир ҷалб ва иштироки ҷавонон дар созмонҳои террористиву экстремистӣ, пеш аз ҳама «Давлати Исломӣ» тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба ташвиш овардааст. Бинобар, ин зарур аст, ки дар муқобили ифротгароӣ ва терроризм худи ҷавонон саҳми чашмрас дошта бошанд. Чунин кор имрӯз аз ҷониби созмонҳои гуногун, гурӯҳҳои ихтиёрии ташфиқотии ҷавонон васеъ ба роҳ монда шуда, дар самти мазкур ҳамоишҳои мухталифи тарғиботӣ баргузор шуда истодааст. Масалан, аксияҳо зери унвони «Ҷавонон ба муқобили терроризм ва экстремизм», «Нест бод терроризм!», «Мо- ҷавонон амалҳои ифротиро маҳкум менамоем!», ва ба монанди инҳо доир гашта истодааст, ки ин гувоҳи зиракию ҳушёрии ҷавонони имрӯза аст.

Дар ин робита аз ҷониби намояндагони соҳаи ҷавонон дар мавзуи «Пешгирӣ аз ҷалби ҷавонон ба созмонҳои террористиву экстремистӣ» конфронси илмӣ-амалӣ, чорабиниҳои варзишӣ ва фарҳангиву оммавӣ доир гардида истодааст, ки дар он ҷавонон бо майлу хоҳиши том иштирок мекунанд.

Ҷавонони тоҷик ҳамчун зодаи даврони соҳибистиқлолӣ бояд ҳушёрии сиёсиро аз даст надода, ба гурӯҳҳои мамнӯъ, экстремистиву террористӣ, ки онҳо аз номи ислом истифода намуда, барои амалисозии ҳадафҳои нопоки хеш ҷавононро бо ҳар роҳ ҷониби худ ҷалб мекунанд, мубориза баранд. Имрӯз бояд ҷавонон бо дарки масъулияти баланд дар муқобили амали онҳо дониш ва маърифати баланди худро истифода намоянд.

Полковники адлия
Салимзода Карим,
прокурори шуъбаи
назорати умумии
Сарпрокуратураи ҳарбии ҶТ

Муҳаммад Ғоиб

## *ДАЪВАТ*

*Гӯш ҳарфи роҳбар бояд кунем,*
*Дуртар роҳи назар бояд кунем.*

*Дасти нанги худ сипар бояд кунем,*
*Қатраҳоро ҳам гуҳар бояд кунем.*

*Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Бонги заҳмат гар расад ҳар дам ба гӯш,*
*Мешавад неши раҳи тақдир нӯш.*

*Дар диёри рӯдҳои пурхурӯш*
*Ҳар қадам бояд, ки бошад сабзпӯш.*

*Хоки мулки хеш зар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Бояд аз ҳар қуллаву кӯҳи баланд*
*Ибрат омӯзем, андӯзем панд.*

*Хоксоронанд гарчӣ дилписанд,*
*Сарбаландонанд ҳар ҷо арҷманд.*

*Боз тоҷи худ ба сар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Дигар аст имрӯз авзои ҷаҳон,*
*Мешавад пайдо балояш ногаҳон,*

*Дидааш дом аст бар дилогаҳон,*
*Алҳазар аз ин раҳу аз ҳамраҳон.*

*Мо фақат бояд ба худ бовар кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Як замон машҳур дар дунё будем,*
*Байни навомӯзҳо доно будем.*

*Баҳри дармони ҳама Сино будем,*
*Соҳиби девону Мавлоно будем.*

*Хешро машҳуртар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Бояд аз абри ҳунар борон канем,*
*Аз танӯри умр бояд нон канем,*

*Роҳ сӯи қуллаи армон канем,*
*Баҳри русурхии миллат ҷон канем,*

*Хешро хуни ҷигар бояд кунем.*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Дар канори меҳри ӯ растем мо,*
*Меҳр бар обу гилаш бастем мо.*

*Гулшан аст, аз накҳаташ мастем мо,*
*То қиёмат бо Ватан ҳастем мо.*

*Талхии ҳастӣ шакар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

# ФАЛАК-МУСИҚИИ УСТОДОНА




10 октябр ҳамасола дар саросари ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи Фалак ҷашн гирифта мешавад. Дар ин рӯз дар тамоми гӯшаю канори кишвар як зумра барномаҳо бо ширкати фалаксароён аз минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ баргузор мегарданд.

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 июли соли 1989 дар шаҳри Кӯлоб таҳти сарварии Давлатманди Хол ансамбли «Фалак» таъсис ёфт. 16 ноябри соли 2001 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ансамбли «Фалак» мақоми давлатӣ дода шуд, ки ҳоло он дар назди Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ фаъолият дорад. Аз соли 2007 инҷониб 10 октябр ҳамчун Рӯзи Фалак ҷашн гирифта мешавад.

Бояд зикр кард, ки фалак ҷузъи қавии фарҳанги тоҷикон буда, чун жанри мусиқии суннатӣ аз замонҳои хеле куҳан вуҷуд дошт ва бо мурури замон такомул ёфта, хусусиятҳои тоза касб намудааст. Мо ба он ҳамчун ба жанр назар андӯхта, аз рӯи мазмуни абёти фалакӣ ва мусиқии дилангези он маънои сарнавишти умрро дарк менамоем.

Таърихи фалак хеле куҳан буда, пайдоиши онро ба қарнҳои IX-X мансуб медонанд.

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки танҳо хусусиятҳои шеваҳои иҷрои маҳалҳои гуногун дар матни сурудҳои фалак зиёд ба назар мерасад ва матнҳои сурудҳо аз хусусиятҳои овозии тарзи гӯиши гуногун таркиб ёфтаанд.

Фалак аз даврони китоби «Авасто», аз замони Борбади Марвазӣ вуҷуд дошт ва аз ҳафт парда иборат буд. Фалак низоми муайяни худро дорад, ки аз шохаҳои гуногун иборат аст. Фалак дар китоби Борбади Марвазӣ «Ҳафт парда» дарҷ гашта буд, аз ин лиҳоз фалакро яке аз мусиқиҳои устодона гӯем ҳам, хато намекунем, зеро фалак- ин розу ниёзи халқ, розу ниёзи мардум аст, ки сароида мешавад.

«Имрӯз мо бояд фалакро бо воситаҳои техникии замонавӣ, асбобҳои мусиқии нав мутобиқ гардонда, онро ҳамқадами замон созем ва пешкаши ҷаҳониён гардонем», гуфтааст фалаксарои машҳур, устоди зинданом Давлатманди Хол.

Имрӯзҳо баҳри арҷгузорӣ ба ин мусиқии ниёгон нишастҳои илмиву амалӣ, симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ, силсилаи барномаҳои консертӣ дар дохил ва хориҷи кишвар баргузор гардида, омӯзиш ва пажӯҳиши ин жанр дар бахши махсус мавриди назар қарор дода шудааст. Боварӣ дорем, ки ин ҳама дар таҳким ва рушди фалак чун жанри мусиқии суннатӣ нақши бориз мегузоранд.

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

Ҳайати таҳрир:
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саодат Сатторова- хабарнигорон.

Мушовирон:
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Зулфиқор Гулаҳмадзода, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вақт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

Дизайн: А. Насриддинов

Суратгир: М. Шоев

Адади нашр: 500 нусха